**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 343.9.01 (575.3)**
**ТКБ: 67.99 (2)8(2 Т)**
**К – 23**

**КАРИМОВ ДАВРОН БОБОМУРОДОВИЧ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МОДДАҲОИ САХТТАЪСИР Ё ЗАҲРОЛУД БО МАҚСАДИ БА СОҲИБИЯТИ КАСИ ДИГАР ДОДАН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**ДУШАНБЕ – 2022**

**Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ**: **Абдухамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон

**Зокирзода Зафар Хайрулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва методикаи таълими они Донишкадаи омӯзгории Точикистон дар ноҳияи Рашт

**Муассисаи пешбар**: Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҳимояи диссертатсия «24» декабри соли 2022 соати $10^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, бинои 11, ошёнаи 5, толори ҷаласаи диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи www.tnu.tj ва Китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ____________ соли 2022 тавзеъ шудааст.

**И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Ҳифзи саломатии аҳолӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳар як давлат аст. Дар Паёми худ 21 декабри соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироз намуданд, ки «рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад»[1].

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 дар қатори ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таъмини Ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа ва ҳифзи саломатии аҳолӣ ҳамчун вазифаи якуминдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст[2].

Механизми самарабахши таъмини ҳифзи саломатии аҳолӣ баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди кирдорҳои ба саломатии аҳолӣ таҷовузкунанда тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад.

Муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд яке аз мушкилоти муҳимтарини амнияти миллӣ аст. Барои мубориза ба муқобили чунин кирдорҳо қонунгузор дар м. 206 (Муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намудааст. Ҳамасола, сатҳи баланди паҳншавии ғайриқонунии ин моддаҳо дар байни аҳолии кишвар, бахусус, дар байни кӯдакон ва ҷавонон ба назар мерасад. Нокофӣ будани танзими ҳуқуқии муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ва вобаста ба ин, афзоиши истеъмоли ғайритиббии онҳо ба афзоиши қочоқи онҳо аз кишварҳои мухталифи хориҷӣ мусоидат кардааст.

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://khovar.tj/2021/12/9900788877payomi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-peshvoi-millat-mu-taram-emomal-ra-mon-dar-borai-samt-oi-asosii-siyosati-dohil-va-hori-ii-um-ur (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

[2] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, таҳти №005 тасдиқ шудааст // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

Чунончи, дар солҳои 2015-2021 сатҳи ҷинояткорӣ вобаста ба ҷинояти баррасишаванда якранг набуда, ҳам тамоюли рӯ ба афзоиш ва ҳам камшавиро доро мебошанд. Масалан, дар соли 2015 – 8; 2016 – 20; 2017 – 9; 2018 – 17; 2019 – 18; 2020 – 9; 2021 – 11 ҷиноят ба қайд гирифта шудаанд[3].

Миқёси муомилоти ғайриқонунии моддаҳои таъсирбахшро аз рӯйи ҳаҷми муомилоти қонунии воситаҳои доруворӣ муайян кардан мумкин аст, ки қариб тамоми моддаҳои зикршударо дар бар мегиранд. Тибқи ҳисобҳои коршиносон дар соли 2020 гардиши онҳо 900,7 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод[4], ки ин назар ба воридот аз гардиши яроқ тақрибан 2 баробар зиёд аст.

Хусусияти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд дар он аст, ки муомилоти онҳо дар мамлакати мо мутобиқи қонунгузорӣ манъ ё маҳдуд карда шудааст. Дар бештари ҳолатҳои моддаҳои мавриди назар дар заминаи истеъмоли намудҳои алоҳидаи воситаҳои мазкур боиси ба фаъолияти ҷиноятӣ ҷалб гардидани доираи зиёди одамон, бахусус ҷавонон, аз ҷумла варзишгарон мегардад.

Масоили ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд то андозае аз madди назар дур шудааст. Тасдиқи ин гуфтаҳо аз он бармеояд, ки дар айни замон ягон барномаи давлатӣ дар самти ташкили мубориза мақсаднок бо муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан вуҷуд надорад.

Ғайр аз шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногун гардиши қонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо дастуру қоидаҳои дар соҳаҳои гуногуни фаъолият амалкунанда – дорусозӣ, тиб, варзиш ва ғайра ба танзим дароварда мешаванд, ки ин то андозае кори мақомоти ҳуқуқтатбиққунандаро мушкил мегардонад. Ҷинояти баррасишаванда, пеш аз ҳама, бо вайрон кардани дастуру қоидаҳои муомилоти ин намуди моддаҳо алоқаманд мебошад.

Дар баробари ин, дар масъалаи маънидод намудани аломатҳои таркиби ҷинояти дар м.206 КҶ ҶТ пешбинигардида, ҷой надоштани тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ низ ба татбиқи якхелаи меъёри мазкури КҶ ҶТ мусоидат карда наметавонад.

---

[3] Ниг.: Юлдошев Р.Р., Маҳмадиев Х.Х., Акбарзода А.А. Преступност в Таджикистане (1991-2016 гг.): научно-практическая пособие. – Душанбе: Изд-во «КОНТРАСТ», 2018. – 320 с.

[4] Ниг.: Фармацевтический мировой рынок [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://zdrav.expert/index.php (санаи муроҷиат: 17.10.2020).

Инчунин, масоили ҷавобгарӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки мумкин аст, ҳамчун воситаҳои манъшуда – допинг истифода шаванд, ҳалли худро дар КҶ ҶТ пайдо накардааст, гарчанде ки ҶТ бо Фармони Президенти ҶТ ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо допинг дар варзиш аз 11 августи соли 2011 ҳамроҳ шудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷинояти мавриди назар такмил додани ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят низ ақидаҳои гуногун баён шудаанд, ки таҳлил ва баҳогузории муайянро талаб месозанд.

Бо назардошти гуфтаҳои зикршуда таҳқиқоти маҷмуии мавзуи илмии интихобшуда дар айни замон муҳим мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Солҳои охир баъзе паҳлуҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд аз ҷониби У.А. Азиззода[5], А.Н. Алиев[6], Р.Х. Рахимов[7], Ш.Н. Саидзода[8], А.И. Сафарзода[9], К.Ҳ. Солиев ва А.Ш. Розиқзода[10], Ф.М Хайров[11], Р.Р. Юлдошев ва М.А. Нажбуддинов[12] мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

---

[5] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 413с.

[6] Ниг.: Алиев А.Н. Криминалистическая характеристика контрабанды наркотических средств, совершаемой членами организованных преступных формирований: (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Люберцы, 2013. – 27 с.

[7] Ниг.: Рахимов Р.Х. Стратегия политики государств–участников СНГ в сфере противодействия незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ. – Душанбе, 2013. – 19 с.

[8] Ниг.: Саидзода Ш.Н. Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ: дис. ... ном. илм. хуқ. – Душанбе, 2018. – 181с.

[9] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: дис. ...д-ра. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 396 с.

[10] Ниг.: Солиев К.Ҳ., Розиқзода А.Ш. Вабои инсоният [Чума человечества]. – Душанбе, 2001. – 51 с.

[11] Ниг.: Хайров Ф.М. Уголовная ответственность за незаконный оборот прекурсоров наркотических средств или психотропных веществ, а также растений, содержащих прекурсоры наркотических средств или психотропных веществ, либо их частей, содержащих прекурсоры наркотических средств или психотропных веществ, по законодательству Российской Федерации и Республики Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2017. – 168 с.

Инчунин, паҳлуҳои алоҳидаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан дар асарҳои Г.В. Вершиская[13], М.Г. Ермакова[14], В.В. Кухарук[15], И.В. Лазенкова[16], А.М. Сибагатуллин[17], А.Е. Шалагин[18], Е.Г.Шмелева[19] ва ғайраҳо инъикос ёфтаанд.

Бо саҳмгузории зиёди муаллифон ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ нигоҳ накарда, масъалаҳои алоҳидаи мавзуи илмӣ ва масъалаҳои ҷудогонаи баҳодиҳии онҳо таҳлил нагардидаанд ва ба таҳқиқоти махсус эҳтиёҷ доранд.

Дар умум, муаллифони зикршуда масоилеро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки паҳлуҳои ҷудогонаи падидаи таҳлилшавандаро дар бар мегиранд. Дар баробари ин, қайд кардан бамаврид аст, ки то ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, бандубасти ин ҷиноят ва роҳҳои такмили КҶ ҶТ дар ин самт ҷой надоранд. Дар таҳқиқотҳои солҳои охир мушкилоти тафовути предмети ҷиноятҳои дар соҳаи моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба

---

[12] Ниг.: Юлдошев Р.Р., Нажбуддинов М.А. Концепция совершенствования взаимодействия органов внутренних дел Республики Таджикистан с институтами гражданского общества в сфере противодействия наркотизации населения: научно-практическое издание. – Душанбе, 2017. – 35 с.

[13] Ниг.: Вершицкая Г.В. Проблемы криминалистического исследования наркотических средств и сильнодействующих веществ: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2001. – 218 с.

[14] Ниг.: Ермаков М.Г. Уголовно-правовая характеристика незаконного оборота сильнодействующих и ядовитых веществ: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2014. – 196 с.

[15] Ниг.: Кухарук В.В. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с организованным незаконным оборотом сильнодействующих или ядовитых веществ в целях сбыта: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М.: Моск. юрид. ин-т МВД России, 2001. – 24с.

[16] Ниг.: Лазенкова И.В. Уголовная ответственность за незаконный оборот сильнодействующих или ядовитых веществ в целях сбыта: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2015. – 198 с.

[17] Ниг.: Сибагуллин А.М. Уголовно-правовое и криминологическое противодействие незаконному обороту прекурсоров в России: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2015. – 217 с.

[18] Ниг.: Шалагин А.Е. Преступления против здоровья населения: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2004. – 256 с.

[19] Ниг.: Шмелева, Е.Г. Незаконный оборот сильнодействующих или ядовитых веществ в целях сбыта: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Тюмень, 2008. – 234 с.

соҳибияти каси дигар додан, инчунин тафриқагузории муомилоти маводи психоактивӣ, нашъадор, доруҳои допингӣ, стероидҳо ва ғайра пурра ҳал карда нашудаанд.

Дар робита бо гуфтаҳои боло, бо дарназардошти саҳми олимони қайдгардида, дар инкишофи масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, то кунун паҳлуҳои зиёди масъалаи мазкур ниёз ба таҳқиқоти навро дошта, зарурати таҳқиқоти маҷмуиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба мафҳуми моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд, мафҳуми умумии ҷиноятҳои дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида ҷой надорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосири рушд» барои солҳои 2016-2020 бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқотро коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили м. 206 КҶ ҶТ, дар асоси таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, маводҳои таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, тамоюлҳои муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Раванди расидан ба ҳадафи зикршуда тавассути муайян кардани чунин вазифаҳо таъмин карда шудааст:

– омӯзиши таърихи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан;

– таҳлили асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида;

– гузаронидани таҳлили муқоисавии ҳуқуқии м. 206 КҶ ҶТ бо моддаҳои шабеҳи КҶ давлатҳои пасошуравӣ;

– таҳқиқи объект ва предмети ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида;

– таҳқиқи аломатҳои тарафи объективии ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида;

– таҳқиқи аломатҳои субъективии ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида;

– баррасии аломатҳои бандубастшавандаи таркиби ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида;

– коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили мазмун ва сохтори м. 206 КҶ ҶТ ва амалияи тадбиқи он.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки ҳангоми содиршавии ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, таърих, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии КҶ давлатҳои хориҷӣ, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, инчунин такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ва таърихии падидаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шуда, танзими ҳуқуқи ҷиноятии он шуруъ аз соли 1917 то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2018-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро пажуҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, криминологӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ, ки ба мавзуи илмии баррасишаванда бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Усулҳои тадқиқот бо назардошти мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети дар рисола муайяншуда интихоб карда мешаванд. Усули диалектикӣ имкон дод, ки мавзуи илмии интихобкардаро бо роҳи муфассал омӯхтани категорияҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ; усули низомнокӣ барои дарки ҳамаҷонибаи ҷузъҳои мавзуи рисола ва хусусиятҳои унсурҳо ва аломатҳои таркиби ҷинояти м. 206 КҶ ҶТ; усули таърихӣ-ҳуқуқӣ ба

таҳлили рушди меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ имкон дод; муқоисавӣ-ҳуқуқӣ – барои муайян кардани мазмуни аломатҳои умумӣ ва махсуси ҷиноятe, ки дар қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дорад, хизмат мекунад; мантиқӣ (расмӣ-догматикӣ) имкон медиҳад, ки тафсири муқаррароти алоҳидаи КҶ ҶТ, як қатор мафҳумҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ коркард шаванд; усулҳои статистикӣ ва сотсиологӣ дар рафти хулосабарори вобаста ба ҳукмҳо истифода гардидаанд. Дар ҷараёни баррасии мафҳумҳое, ки илмҳои дигар (тиб, психология ва ғайра) истифода мебаранд, усулҳои гуногуни тафсири онҳо (системавӣ, грамматикӣ, таърихӣ, мантиқӣ) истифода гардидаанд. Ҳангоми таҳлили аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳлилшаванда усулҳои таҳлил, мантиқ, синтез, индуксия, дедуксия истифода мешаванд.

Истифода шудани усулҳои махсуси омӯзиши проблемаҳои илмӣ, аз қабили усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои коркарди донишҳои нави марбут ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои он замина фароҳам овардаанд.

Дар умум, усулҳои дар боло ишорашуда дар якҷоягӣ имконият фароҳам оварданд, ки мавзуи таҳқиқшаванда ҳамаҷониба, пурра ва объективона омӯхта шуда, вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пайдо намоянд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди тадқиқот омори Суди Олии ҶТ барои солҳои 2015-2021 таҳлил гардида, зиёда аз 45 парвандаи ҷиноятӣ, 56 ҳукми судӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Инчунин, натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ВАО ва сомонаҳои интернетии мақомоти давлатӣ ба даст оварда шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Ҳамзамон, ҳангоми навиштани рисола санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин, аз қабили Конститутсияи ҶТ, КҶ ҶТ, Конвенсия оид ба моддаҳои психотропии соли 1971[20], Конвенсияи ягонаи СММ оид ба воситаҳои нашъадори соли 1961[21], Конвенсия оид ба мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропии соли 1988[22], Қарори Ҳукумати ҶТ, таҳти №576 аз 29 декабри

[20] Ниг.: Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур 12 декабри соли 1996 ҳамроҳ шудааст // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1996. – №24. – М. 401.
[21] Ниг.: Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур 12 декабри соли 1996 ҳамроҳ шудааст // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1996. – №24. – М. 402.
[22] Ниг.: Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур 4 ноябри соли 1995 ҳамроҳ шудааст // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – №22. – М. 326.

соли 2003 «Дар бораи тасдиқи Рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ва рӯйхати моддаҳои заҳролуд»[23], Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи таҷрибаи судӣ оиди парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо алоқаманданд» аз 12 декабри соли 2002[24] ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ ҶТ соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии КҶ ҶТ ва КҶ давлатҳои пасошуравӣ ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи мафҳуму моҳияти ҷинояти баррасишаванда аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда муайян карда шудаанд, ҷиҳати такмили м. 206 КҶ ҶТ тавассути ворид намудани аломатҳои бандубастшаванда ва намуди махсуси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба ин ҷиноят, пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Навгонии дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар пешниҳодҳои илман асоснок аз ҷониби муаллиф доир ба таҳлили аломатҳои бандубастшавандаи ҷинояти баррасишаванда ифода меёбад. Ба назар гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки хусусияти латентии (рӯйпӯшшавии) ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида воқеан аз байн равад ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муборизаи шадидро бо ин намуд ҷинояткорӣ вусъат бахшанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Криминализатсияи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ мебошанд, ки он пеш ҳама, ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ равона гардидааст ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ин кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ мувофиқ ва одилона мебошад.

---

[23] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003, таҳти №576 // Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/index_tj.fwx (санаи муроҷиат: 24.06.2022).

[24] Ниг.: Маҷмӯи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1992-2011). – Душанбе, 2011. – С. 269.

2. Мафҳуми «моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд» дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ, дар муқоиса бо мафҳуми «нашъамандӣ» ва «моддаҳои психотропӣ» пешбинӣ нагардидаанд. Номуайянии то ҳол мавҷудбудаи истилоҳот вобаста ба моддаҳои заҳролуд ё сахттаъсир бояд бо таҳрир мувофиқи матни ин модда ислоҳ карда шаванд, то ки самаранокии иҷтимоии онҳоро таъмин кунад.

3. Пешгирӣ ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, пеш аз ҳама, аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад: омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ; омилҳои криминологӣ; омилҳои ҳуқуқӣ.

4. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ҳамчун таркиби алоҳида дар тамоми қонунҳои ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ муқаррар карда шудааст ва ҳамон тавр номгузорӣ карда шудаанд (КҶ Федератсияи Россия, Қирғизистон, Туркманистон, Қазоқистон, Арманистон, Озорбойҷон, Ӯзбекистон, Беларус), ҳамзамон, вобаста ба аломатҳои таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда ва аломатҳои бандубастшаванда ин ҷиноят тафовутҳо мавҷуд мебошанд.

5. Таҷрибаи мусбати қонуни ҷиноятии Украинаро ба инобат гирифта, ба моддаи 206 КҶ ҶТ илова намудани эзоҳ дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Шахсе, ки моддаҳои сахттаъсир ё заҳролудро бо ихтиёри худ месупорад, агар дар ҳаракати ӯ таркиби дигар ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад».

6. Объекти бевоситаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар доданро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани бемориӣ ва нуқсонҳои ҷисмонии аҳолиро ба пуррагӣ таъмин месозанд, ташкил медиҳад.

7. Моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ҳамчун предмети ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ баррасишаванда моддаҳои масткунанда, психоактивӣ, доруҳо ва дигар моддаҳое дохил мешаванд, ки дар таркибашон моддаҳои заҳролуд ё сахттаъсир доранд, аз ҷумла, иловаҳои фаъоли биологӣ, моддаҳое, ки ҳамчун допинг истифода мегарданд.

8. Ба моддаи 206 КҶ ҶТ илова намудани эзоҳ ва муайян намудани таърифи моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар таҳрири зерин асоснок мегардад:

Моддаҳои сахттаъсир – объектҳои синтетикӣ ё табиӣ, ки ҳангоми истифодаи беиҷозат ё сӯиистифода ба саломатии инсон зарари назаррас расонида метавонанд ва ба Рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ворид карда шудаанд.

Моддаҳои заҳролуд – объектҳои пайдоиши синтетикӣ ва табиӣ мебошанд, ки ҳангоми ба миқдори хурд ворид кардан ба ҷисми инсон ба заҳролудшавӣ ё марг оварда мерасонанд ва ба Рӯйхати моддаҳои сахттаъсир дохил карда шудаанд. Ин мафҳумҳоро ҳамчун меъёр барои муайян кардани моддаҳои нави сахттаъсир, заҳролуд ва дохил намудани онҳо ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

9. Криминализатсияи муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ ва допинг бо мақсадҳои ба соҳибияти каси дигар додан мубрам мебошад. Бинобар ин, ба КҶ ҶТ илова намудани таркиби нави ҷиноят дар таҳрири зерин зарур мебошад:

«Моддаи $206^2$. Муомилоти ғайриқонунии иловаҳои фаъоли биологӣ ва моддаҳое, ки барои истифода дар варзиш ҳамчун допинг манъ гардидаанд.

1) Ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин, ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани иловаҳои фаъоли биологӣ ва моддаҳое, ки барои истифода дар варзиш ҳамчун допинг манъ гардидаанд;

бо ... ҷазо дода мешавад

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ

бо ... ҷазо дода мешавад

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

б) ба миқдори калон содир шуда бошад;

бо ... ҷазо дода мешавад».

10. Қабули барномаи мақсадноки ҷумҳуриявӣ, ба монанди «Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи мақсад аст.

11. Соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо истифода аз дорухатҳои қалбакӣ нисбат ба дигар тарзҳои ғайриқонунии соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд хатари афзояндаи ҷамъиятӣ

дорад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба қ. 2 м. 206 КҶ ҶТ ворид намудани аломати бандубастшаванда дар таҳрири зерин зарур мебошад: «Бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд».

12. Илова намудани тағйирот ба номгузории Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2002, таҳти №5 дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад: «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки ба воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё прекурсорҳо, моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд алоқамананданд», инчунин, ба он илова намудани тавзеҳот марбут ба амалҳое, ки тарафи объективии ҷинояти бо м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида ташкил медиҳанд, мувофиқи мақсад мебошад.

13. Ба қ. 2 м. 206 КҶ ҶТ илова намудани аломати бандубастшаванда: «бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад» асоснок мегардад.

14. Пешниҳод мегардад, ки ҳамчун аломати махсусан бандубастшаванда илова намудани «миқдори махсусан калон» дар қ. 3 м. 206 КҶ ҶТ. Бинобар ин, ворид намудани тағйирот ва иловаи зеринро ба м. 206 КҶ ҶТ пешниҳод менамоем:

– ба қ. 2 илова намудани аломати «вобаста ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба миқдори калон содир шуда бошад»;

– ба қ. 3 илова намудани аломати «вобаста ба моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад».

15. Бо дарназдошти хусусият ва дараҷаи баланди ба ҷамъият хатарнокии тасарруфи моддаҳои қайдгардида пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи нав $206^3$ «Тасарруфи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шавад. Зеро қонунгузор аллакай чунин таркибҳоро дар моддаҳои 194, 199, 202 ва $202^2$ КҶ ҶТ муқаррар намудааст.

16. Хавфи ҷамъиятӣ тамоюли моилсозӣ ба истеъмоли моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки дар байни варзишгарон маъмул мебошанд, ки барои танзимнамоии ҳаҷми ҷисмӣ истифода мегарданд, ба монанди, сибутрамин, тестостерон, станозолол, стенболон ва ғайра, ки ба саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Вобаста ба ин ҳолат, пешниҳод карда мешавад, ки ба КҶ ҶТ моддаи нав $206^4$ «Моил кардан ба истеъмоли моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» ворид карда шавад.

Ҳамин тариқ, м. 206 КҶ дар таҳрири зерин пешниҳод карда мешавад:

**«Моддаи 206. Муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан**

1) Ғайриқонунӣ истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, ҳамчунин, ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ намебошанд,

бо ....ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) такроран содир гардида бошад;

в) бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад;

г) бо истифодаи воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ (инчунин шабакаи Интернет);

д) бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд;

е) ба миқдори калон содир шуда бошад,

бо … ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

а) аз ҷониби гуруҳи муташаккил;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад,

бо ... ҷазо дода мешавад.

**Эзоҳ:** 1) Моддаҳои сахттаъсир – объектҳои синтетикӣ ё табиӣ, ки ҳангоми истифодаи беиҷозат ё сӯйистифода ба саломатии инсон зарари назаррас расонида метавонанд ва ба Рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ворид карда шудаанд.

2) Моддаҳои заҳролуд – объектҳои пайдоиши синтетикӣ ва табиӣ мебошанд, ки ҳангоми ба миқдори хурд ворид кардани ба ҷисми инсон ба заҳролудшавӣ ё марг оварда мерасонанд ва ба Рӯйхати моддаҳои сахттаъсир дохил карда шудаанд. Ин мафҳумҳоро ҳамчун меъёр барои муайян кардани моддаҳои нави сахттаъсир, заҳролуд ва дохил намудани онҳо ба рӯйхати моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

3) Шахсе, ки моддаҳои сахттаъсир ё заҳролудро бо ихтиёри худ месупорад, агар дар ҳаракати ӯ таркиби дигар ҷиноят мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ни-

зоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти баррасишаванда густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масоили баррасишанда аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, чунин қайд намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазоворро гузошта, дар баробари ин, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ, ҳангоми татбиқи м. 206 КҶ ҶТ дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва тафтиши ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ истифода шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо**. Эътимоднокии муқаррароти илмӣ бо таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва вазифаҳои аниқ муқарраршуда, омӯзиши маводи таҳлилӣ, меъёрӣ, мафҳумҳои илмӣ аз тарафи муаллиф собит мешавад. Дар баробари ин, муқаррароти бунёдии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, асарҳои илмии олимони варзидаи ҳуқуқшиноси ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаи мавриди баррасӣ қарор доранд, кор карда баромада шудаанд. Бояд қайд кард, ки сатҳи баланди эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи базаи иттилоотӣ дар раванди тадқиқот тасдиқ карда мешавад, ки он ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ, маълумотҳои оморӣ, нашрияҳои олимони варзидаи ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи тадқиқот асос ёфтааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи ҷамъбасти маводи гуногуни таҷрибаи судӣ бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимоднок мебошанд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ, КҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад. Илова бар ин, аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърузаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷинояти барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ироа гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода ва мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои зерин ба тариқи маъруза аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳод гардидаанд:

а) байналмилалӣ:

– «Международная студенческая научно-практическая конференция «Актуальные вопросы юриспруденции», – маъруза дар мавзуи «Уголовно-прававая политика в сфере борьбы против незаконного оборота силнодействующих или ядовитых веществ с целю сбыта» (Душанбе, РТСУ, 26 апреля 2019 г.)»;

– «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии кишварҳои ИДМ оид ба масъалаи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд» (ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 30-юми октябри соли 2019).

б) ҷумҳуриявӣ:

– «Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза

дар мавзуи «Вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 20-25-уми апрели соли 2020);

– «Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи: «Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Табиати ҳуқуқии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан» (ш. Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 05-уми декабри соли 2020).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудаанд, аз ҷумла, 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқот аз номгӯйи ихтисорот, муқаддима, ду боб ва ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 197 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи тадқиқот асоснок карда мешавад, ҳолати коркарди илмии он ошкор мегардад, робитаи кор бо мавзуъҳои илмӣ, нақшаҳо ва барномаҳо нишон дода шудааст, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи рисола муайян карда шудаанд, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда, навоварии илмии рисола нишон дода шудааст, аҳамияти назариявию амалии кор, мувофиқати рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтори рисола муайян карда шудааст.

Боби аввал **«Табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»** аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввал **«Таърихи ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»** таърихи ташаккули ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти баррасишаванда дар қаламрави таърихии Тоҷикистон таҳлил карда мешавад.

Муаллиф қайд менамояд, ки давраи асосии рушди қонунгузории ҷиноятӣ оид ба муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд ба давраи амали ҳуқуқи ҷиноятии Шуравӣ (солҳои 1917-1991) рост меояд, ки дар он КҶ ҶШСФР соли 1922, Асосҳои аввалини

қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1924, КҶ ҶШС Ӯзбекистон соли 1928, КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935, Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1958, КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 қабул ва амал мекарданд, ки ҳар кадоме аз онҳо принсипҳои асосии сиёсати ягонаи давлатро дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ пешбинӣ менамуданд.

КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 дар м. 226 ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бе доштани иҷозатномаи махсус ба он, инчунин, вайрон намудани қоидаҳои муқарраршудаи истеҳсол кардан, нигоҳ доштан, додан, ба ҳисоб гирифтан ва кашондани ҳамин чизҳоро пешбинӣ менамуд.

Минбаъд, 17-уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид. Соли 1974 ба КҶ соли 1961 м. $242^2$ илова гардид, ки он ҷавобгариро барои кирдори баррасишаванда муқаррар месохт.

Муаллиф қайд менамояд, ки қонунҳои ин давра ноустувор буданд. Ба онҳо доимо тағйироту иловаҳо ворид карда мешуданд, аксар вақт онҳо бо сабаби қабули қонуни нав эътибори ҳуқуқии худро гум мекарданд. Ҳамин тавр, дар солҳои 1987-1988 Вазорати тандурустии ИҶШС ба низом даровардани қоидаҳои мавҷударо дар самти ба категорияи моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд гуруҳбандӣ намудани онҳоро ба анҷом расонид. Дар натиҷа, танҳо дар соли 1988 беш аз 5000 ҳуҷҷатҳои муқарраршудаи меъёрии мавҷуда, 2345-тоаш ҳамчун кӯҳна аз эътибор соқит карда шуданд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан дар м. 206 КҶ ҶТ муқаррар гардид. Хусусияти фарқкунандаи моддаи 206 КҶ ҶТ аз КҶ Тоҷикистони шуравӣ дар он ифода мегардид, ки дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолатҳое муқаррар шудааст, ки агар кирдорҳои зикршуда бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан амалӣ шуда бошад.

Ба ақидаи диссертант истифодаи таҷрибаи мусбати қонунгузории Шуравӣ, ки дар он ҷавобгарӣ ҷиноятӣ барои ҷинояти баррасишаванда бе мақсади ба соҳибияти каси дигар додан ба вуҷуд меомад, мувофиқи мақсад мебошад.

Дар зербоби дуввуми боби аввал **«Асосҳои криминализатсияи муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»** қайд мегардад, ки ҳифзи саломатии ҳар як инсони алоҳида ва дар маҷмуъ тамоми аҳолӣ бо қонунгузории ҷиноятӣ таъмин карда мешавад. Ҷинояти дар м. 206 КҶ

ҶТ пешбинигардида ба муносибатҳои ҷамъиятие таҷовуз менамояд, ки ҳифзи саломатии аҳолиро таъмин менамоянд.

Ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида хатари зиёди ҷамъиятӣ дорад, зеро он ба ҳаёт ва саломатии одамон зарар мерасонад. Дар робита ба ин, муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бояд танҳо бо иҷозати махсус анҷом дода шавад.

Истифодаи моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд барои мақсадҳои ғайритиббӣ метавонад боиси вобастагӣ гардад, ки ба саломатии зеҳнӣ ва ҷисмонии инсон зарар мерасонад. Моддаҳои заҳролуд ва ё сахттаъсир метавонанд воситаи содир кардани дигар ҷиноятҳо бошанд. Ҳамин тариқ, одамкушӣ бо ворид кардани заҳр ба бадан, ки сабаби дарди тоқатфарсо мегардад, бо бераҳмии махсус содир карда мешавад (банди «е» қ. 2 м. 104 КҶ ҶТ) бандубаст мегарданд.

Тавре, ки таҳқиқот нишон медиҳад моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар чунин амалҳои ғайриқонунӣ истифода мегарданд: барои мақсадҳои истеъмоли ғайритиббӣ, ҳамчун моддаҳои психоактивӣ; дар таркиби иловагиҳои фаъоли биологӣ; ҳамчун стероидҳои анаболитикӣ; барои истеҳсоли воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ; барои содир намудани дигар ҷиноятҳо.

Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мавриди назар:

– аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ мебошад, ки он, пеш аз ҳама, ба ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ равона гардидааст;

– ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ин кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ мувофиқ ва одилона мебошад;

Номуайянии то ҳол мавҷудбудаи истилоҳот барои моддаҳои заҳролуд ё сахттаъсиркунанда бояд бо таҳрир мувофиқи матни ин модда ислоҳ карда шавад, то ки самаранокии иҷтимоии онҳоро таъмин намояд. Бинобар ин, ба м. 206 КҶ ҶТ эзоҳ илова намуда дар он муайян намудани шарҳи моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд зарур мебошад.

Дар зербоби сеюми боби аввал **«Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ»** қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ вобаста ба мавзуи баррасишаванда омӯхта шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки меъёрҳои қонунҳои ҷиноятии аксари кишварҳои собиқ Шуравӣ ҷавобгарии ҷиноятиро барои муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд пешбинӣ намуда, дар

умум, ба моддаи 206 КҶ ҶТ монандӣ доранд. Тафовути асосӣ аз 206 КҶ ҶТ дар он аст, ки дар аксарияти онҳо барои хариду фурӯши ғайриқонунии таҷҳизот барои истеҳсол ё коркарди ин моддаҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ вуҷуд дорад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия ва ғ. чунин меъёр дар як боб бо меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи бехатарии доруҳо, маҳсулоти хӯроквории терапевтӣ ва профилактикӣ ва иловаҳои хӯрокворӣ ҷойгир карда шудаанд, ки ин муносибати амиқтарро ба дарки нишонаҳои мавзуи ин ҷиноятҳо нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, ба ақидаи муаллиф такмили меъёрҳои мавҷудаи КҶ ҶТ бо роҳи ворид кардани аломатҳои бандубастшаванда, ба монанди қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ, аз қабили субъекти махсуси ҷиноят, миқдори махсусан калон, ҳолатҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Боби дуввум **«Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»** панҷ зербобро дар бар мегирад.

Дар зербоби аввали боби дуюм **«Объект ва предмети муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»** муаллиф объекти бевоситаи ин ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муомилоти моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд, ки ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмонии аҳолиро ба пуррагӣ таъмин месозанд, ташкил медиҳанд, муайян менамояд.

Бо истифода аз се намуди аломатҳо – тиббӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мафҳуми моддаҳои таъсирбахш ё заҳролудро ҳамчун предмети ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида пешниҳод менамояд.

Зери мафҳуми меъёри тиббии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бояд он ҳолате фаҳмида шаванд, ки ин моддаҳо метавонанд ба организми инсон таъсири манфӣ расонанд.

Меъёри ҳуқуқии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд дар мансубнамоии онҳо ба баъзе моддаҳо ё ба гурӯҳи махсуси сахттаъсир ё заҳролуд ифода мегардад, яъне моддаҳо танҳо пас аз дохил гардиданашон ба рӯйхати дахлдори моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003, таҳти №576 тасдиқ гардидааст, предмети ҷинояти м. 206 КҶ ҶТ шуда метавонанд. Набудани ҳолатҳои қайдгардида маънои онро дорад, ки моддаи дахлдор наметавонад сахттаъсир ва ё заҳролуд эътироф карда шаванд.

Тибқи меъёрҳои иҷтимоӣ чунин моддаҳо табиатан объекти истеъмоли оммавии ҳаррӯза нестанд, аммо таҳдиди паҳншавии онҳо, вайрон кардани гардиши қонунии онҳо, содир намудани амалҳои манъгардида бо ин моддаҳо ҷой дорад, ки дар натиҷа ба саломатии инсон таъсири манфӣ расонида мешавад.

Масъалаи дар қонуни ҷиноятӣ таҳияи номгӯйи мукаммали предметҳои ин ҷиноятҳо мубрам ба назар мерасад, ба шарте, ки ин рӯйхат дар муддати тӯлонӣ устувор боқӣ монад. Ҳамзамон, дар шароити зуд-зуд тағйир ёфтани намудҳои моддаҳои сахттаъсир, тағйирёбии таркиби химиявии онҳо ва хусусияти таъсири онҳо ба ҷисми инсон, муқаррар намудани чунин рӯйхат мустақиман дар КҶ ҶТ метавонад ба он оварда расонад, ки истеҳсол, тайёр намудан, коркард, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодан, ба соҳибияти каси дигар додани моддаҳои наві сахттаъсире, ки ба рӯйхати дахлдор дохил карда нашудаанд, метавонад боиси дар бештари ҳолатҳо беҷазо мондани чунин кирдорҳо гардад, ки ин принсипи адолат ва баробарии ҳама дар назди қонунро вайрон менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки ин моддаҳо аз рӯйи хусусиятҳояшон ба моддаҳои психотропӣ монанд (шабеҳ) мебошанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **«Тарафи объективии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»** сохтор ва мазмуни аломатҳои зуҳуроти берунии ин ҷиноят ҳамаҷониба тадқиқ мегардад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкур аз содир намудани ҳаракатҳои зерин иборат мебошад: истеҳсоли ғайриқонунӣ; тайёр намудани ғайриқонунӣ; коркарди ғайриқонунӣ; ғайриқонунӣ соҳиб шудан; ғайриқонунӣ нигоҳ доштан; ғайриқонунӣ интиқол ё фиристодан, ки содир намудани яке аз амалҳои ғайриқонунии дар боло қайдгардида асос барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мегардад.

Муаллиф асоснок менамояд, ки соҳиб шудан ба моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд бо истифода аз дорухатҳои қалбакӣ, нисбат ба дигар тарзҳои ғайриқонунии соҳиб шудан хатари афзояндаи ҷамъиятӣ дорад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки ба қ. 2 м. 206 КҶ ҶТ ворид намудани аломати бандубастшаванда, дар таҳрири зерин зарур мебошад: «бо истифода аз ҳуҷҷатҳои қалбакӣ».

Муаллиф ворид намудани тағйирот ба номгузории Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 12 декабри соли 2002, таҳти №5 мувофиқи мақсад мешуморад, инчунин, ба он илова намудани тавзеҳот марбут

ба амалҳои тарафи объективии ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ пешбинигардида асоснок мегардад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Аломатҳои субъектии муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ё заҳролуд бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан»** таваҷҷуҳи махсус ба муайян намудани субъект ва тарафи субъективии ин ҷиноят дода мешавад.

Аломатҳои субъекти махсус барои бандубасти ҷинояти баррасишаванда аҳамият надорад, ки ин ба андешаи мо, норасоии муайяни қонунгузорӣ дар ин самт мебошад. Ҳамзамон, ин ҷиноятҳо на танҳо аз ҷониби роҳбар, балки аз ҷониби кормандони корхона, ки ҳуқуқи ихтиёрдории ин моддаҳоро доранд ё ин ки ин моддаҳо дар он ҷо тибқи қонун нигоҳ дошта мешаванд, аз ҷумла, дорои салоҳиятҳои додани чунин доруҳо, таъин намудани он ва ғайраро доранд, метавонанд содир карда шаванд.

Ворид намудани аломати бандубастшавандаи субъекти махсус дар истеҳсол, фурӯш ё интиқоли ғайриқонунии маводҳои сахттаъсир (ба монандӣ б. «в» қ. 4 м. 200 КҶ ҶТ) ҳангоми истифодаи «вазифаи хизматӣ» мувофиқи мақсад аст. Мавқеи хизматӣ ба шахс имкон медиҳад, ки ӯ иҷрои амалҳоеро, ки тарафи объективии ҷиноятро ташкил медиҳанд, ба осонӣ содир намояд.

Таркиби ҷинояти дар м. 206 КҶ ҶТ муқаррар карда шуда, расмӣ буда, тарафи субъективии он танҳо бо шакли гуноҳи қасдона тавсиф шуда метавонад.

Ангезаҳои содир намудани ҷиноятҳо метавонанд хеле гуногун бошанд, аммо дар робита бо ҷинояти мавриди назар ба бандубасти ҷиноят таъсири ҷиддӣ намерасонанд, чунки ангеза ба сифати аломати ҳатмӣ дар диспозитсияи м. 206 КҶ ҶТ нишон дода нашудааст, аммо муқаррар намудани он мумкин аст, ҳангоми таъин намудани ҷазо ба назар гирифта шавад.

Мақсад аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят баррасишаванда буда, ба бандубасти ҷиноят таъсир мерасонад. Набудани чунин мақсад ҷавобгариро аз рӯйи ин модда истисно менамояд.

Мақсади муомилоти ғайриқонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳролуд танҳо паҳн кардани чунин моддаҳо дар ҷойи дигар (аз ҷумла, дар дохили як маҳал) буда метавонад. Дар бештари ҳолатҳо мақсади пешбинигардида дар ин модда, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани як қатор кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок дар ин соҳа монеа мегардад. Дар бештари ҳолатҳо мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда қайд менамоянд, ки ҷавобгарӣ танҳо вақте ба вуҷуд меояд, агар амалҳои дар боло ном-

баршуда бо мақсади ба соҳибияти шахси дигар додан содир шуда бошанд, аммо бинобар сабабе, ки мақсади фурӯш дар баъзе ҳолатҳо муқаррар намегардад, чунин кирдорҳо унсурҳои таркибии ҷиноятро дар бар намегиранд.

